***Лавҳаи амудии афзорҳои***

равзанаи таҳриргар аз маҷмӯи афзорҳои гуногуни коркарди тасвирҳо иборат аст. Барои ҳар як тарзи коркарди тасвир афзори махсус пешинӣ шудааст. Афзорҳое, ки вазифаашон бо ҳамдигар наздик аст, дар блокҳо муттаҳид карда шудаанд.

| **АФЗОРҲО** | **ТАЪЙИНОТИ АФЗОРҲО** |
|---|---|
|  | **Ҷудокунии росткунҷавӣ, байзавӣ (тухмшакл), сатрӣ ва сутунӣ** |
|  | **Ҷудокунии дастӣ, бо ёрии бисёркунҷа ва аз рӯйи хатҳои сарҳадӣ** |
|  | **Ҷудокунии пекселҳои монанд** |
|  | **Ҳаракатдиҳии фрагменти ҷудошуда ё қабати тасвир** |
|  | **Тасвирбурӣ** |
|  | **Расмкашӣ бо ёрии мӯқалам ва қалам** |
|  | **Примитивҳои векторӣ** |
|  | **Рангпуркунии соҳа бо ранги асосӣ ё градиенти рангҳо** |
|  | **Хатпоккунакҳои асосӣ ва заминавӣ** |
|  | **Хатпоккунак барои тозакунии пикселҳои монанд** |
|  | **Нусхасозии (клонсозӣ) фрагменти расм, қолибгарӣ бо нақшунигор** |
|  | **Молиши ангуштӣ, рахнакунӣ (шӯстан), тақвиятбахшӣ** |
|  | **Мунавваркунӣ, тирагардонӣ, тағйирдиҳии серии ранг** |
|  | **Матнҳои уфуқӣ ва амудӣ** |
|  | **Ниқоби матнҳои уфуқӣ ва амудӣ** |
|  | **Рангсозӣ аз рӯйи ранги пиксел** |
|  | **Ҳаракатдиҳии тасвир дар экран** |
|  | **Миқёсгирӣ** |

Дар поёни лавҳаи афзорҳо тугмаҳои интихоби **ранги асосӣ** ва **заминавӣ** ҷойгир шудаанд. Бо ёрии ранги асосӣ ранги афзорҳои расмкаш ва рангрез муайян карда мешаванд. Ранги заминавӣ бошад, барои пур кардани нуқтаҳои берун аз фрагментҳои тасвир пешбинӣ шудааст.

Бо лавҳаи афзорҳо **лавҳаи хосияти афзорҳо** алоқаманд мебошад. Вобаста аз фаъол будан ё набудани афзори зарурӣ намуди ин лавҳа тағйир меёбад. Вай дорои якчанд ҷузъҳои робитавӣ, тугмаҳо ва байрақчаҳои танзимкунандаи интихобҳои афзор мебошад. Ин лавҳа бевосита дар зери сатри менюи асосӣ ҷойгир аст.

Пеш аз он ки бо тасвири аслӣ ягон амал иҷро карда шавад, зарур аст, ки интихобҳои он муайян карда шаванд. Барои ин фармони **Тасвир►Андозаи тасвири** (Изображение►Размер изображения) равзанаи робитавии **Андозаи тасвир** хизмат мерасонад. Дар майдончаҳои **Андоза** (Размерность) ва **Андозаи нусхаи чопӣ** (Размер печатного оттиска) мувофиқан қимати бар ва баландии тасвир бо пиксел ва сантиметр ва

ҳамчунин барои муайянкунии сифати тасвир имконияти ҳалкунандагии он бо миқдори пикселҳо дар як дюйм нишон дода мешаванд.